# 16-УМИ НОЯБР, РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!


*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 44 (640),
13 ноябри
соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон




## ҶАВОНИРО ФИДО КАРДАМ, ДИЁРАМ ТО ҶАВОН БОШАД

*Ҷавониро фидо кардам, диёрам то ҷавон бошад,*
*Гузаштам борҳо аз ҷон, ки ҷонаш дар амон бошад.*
*Чу аз ҳар ҷонибе сӯйи Ватан боди хазон омад,*
*Баҳорамро сипар кардам, ки эмин аз хазон бошад.*
*Ман аз ин сарзамин тиру камонро дур бинмудам,*
*Ки доим дар самояш пурҷило тирукамон бошад.*
*Қасам бо шири модар хӯрдаам дар назди халқи хеш,*
*Ки бахту роҳи умраш ҳамчу шири модарон бошад.*
*Дилу рӯйи кушодамро ба дунё пешкаш кардам,*
*Ки мулки кӯчакам дар чашми дунё бекарон бошад.*
*Ба минбарҳои болои ҷаҳон бурдам забонамро,*
*Ки халқи хушзабонам бо ҷаҳоне ҳамзабон бошад.*
*Басо хорӣ кашида, ғунчаи уммед парвардам,*
*Ки хориро набинад ин диёру гулфишон бошад.*
*Маро ҳар боғ пайғомест аз гул кардани дилҳо,*
*Маро ҳар мазраи сабзе зи сарсабзӣ нишон бошад.*
*Бувад нонрезаву нони Ватан болои чашмонам,*
*Дилам ҳамрози пирону аниси тифлакон бошад.*
*Кунам тоҷи сари дунё дилоро Тоҷикистонро,*
*Зи тахту тоҷи ин дунё ҳаминам ормон бошад.*

**Низом ҚОСИМ**




ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ... - саҳ. 2





МОҲИЯТИ ТАҶЛИЛ НАМУДАНИ РӮЗИ... - саҳ. 3





ҶАВОНЕ, КИ БА ТОҶИКИСТОН СУЛҲ ОВАРД - саҳ. 4





ТАШАББУСҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ-НЕРУИ...- саҳ.7

# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ “ХАТЛОН ИНВЕСТ-2025”






**11 ноябр дар шаҳри Бохтар Форуми байналмилалии сармоягузории “Хатлон Инвест-2025” баргузор гардид, ки дар он Давлаталӣ Саид, узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон, Ҳоким Холиқзода, муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони корпусҳои дипломатӣ, Созмонҳои байналмилалӣ, доираҳои тиҷоратию сармоягузории ватанӣ ва хориҷии зиёда аз 20 кишвар, аз ҷумла Туркия, Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Эрон Чин ва Покистон ширкат намуданд.**

Нахуст, ҳайати меҳмонон аз намоишгоҳи молу маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ ва ҳунарҳои мардумии вилояти Хатлон боздид намуданд.

Сипас, дар толори Маркази байналмилалии рушд ва инноватсияи Хатлон ҷамоиши байналмилалӣ оғоз гардид. Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, зикр кард, ки форуми имрӯза минбари муҳими муколамаи созандагӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳамкорӣ ва тавсеаи муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ мебошад. Хатлон аз вилоятҳое дар кишвар аст, ки бо маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла сабзавоту меваҳо ва полезиҳои ва аз ҷиҳати экологӣ тоза машҳур мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёда аз 2 миллион тоннаро ташкил медиҳад, ки аз ин 400 ҳазор тоннааш пиёзи барвақтӣ мебошад.

Ҳоким Холиқзода, муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, қайд кард, ки ҳадаф аз баргузории ин чорабинӣ дар маркази маъмурии вилояти Хатлон-шаҳри Бохтар муаррифии зарфияту имкониятҳои минтақа, ҷалби сармояи мустақими тоҷикию хориҷӣ, тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва фароҳам овардани замина барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Зимнан, Шералӣ Кабир, вазири Саноат ва технологияҳои нави кишвар, Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар намояндагони корпусҳои дипломатии хориҷӣ оид ба рушди иқтисодиёт ва ҳамкориҳои минбаъда суханронӣ намуданд.

Форуми байналмилалии сармоягузории «Хатлон Инвест-2025» дар 3 панел- «Сармоягузорӣ барои рушди устувори минтақаҳо: шарикӣ бо бахши хусусӣ ва табдили Хатлон ба маркази иқтисодии муосир», «Рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ» ва «Аз замин то бозоррушди занҷираи арзиш дар кишоварзӣ, содирот ва коркарди маҳсулоти маҳаллӣ дар вилояти Хатлон» гузаронида шуд.

Пас аз муҳокимарониҳо дар панелҳо, силсилаи мулоқотҳои соҳибкорону сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ дар формати B2B баргузор гардид. Дар натиҷаи мулоқоту тавофуқи ҳосилшуда миёни доираҳои тиҷоратию сармоягузорӣ наздик ба 30 ёддошти тафоҳум ба имзо расид. Тибқи арзёбиҳои муқаддамотӣ, маблағи умумии лоиҳаҳои тасвибшуда зиёда аз 900 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки Форуми байналмилалӣ дар вилояти Хатлон ду рӯз идома ёфт. Хотиррасон менамоем, ки Форуми байналмилалии сармоягузории “Хатлон Инвест-2025” соли дуюм аст, ки баргузор мешавад. Дар доираи ин форум соли гузашта миёни доираҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 165 миллион доллари амрикой созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расида буд.

Тавре аз Хадамоти матбуоти раиси вилоят иттилоъ доданд, дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузории «Хатлон Инвест-2025» 14 нафар соҳибкорзан бо гранти Раиси вилояти Хатлон бо маблағи 245 ҳазор сомонӣ барои соли 2025 сарфароз гардиданд. Феълан, дар вилоят зиёда аз 30 ҳазор зан ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ки аз онҳо тақрибан 20 ҳазор нафар роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти содиротии кишоварзӣ мебошанд.

**«Ҳамрози халқ»**

# МАҶЛИСИ НАЗОРАТӢ ДАР КИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



**10 ноябр таҳти роҳбарии раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Саидзода Ҷамшед Ҳамро дар Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб маҷлиси назоратӣ доир гардид.**

Дар маҷлис муовини раис, мудирони шуъбаҳои ташкилӣ ва кор бо кадрҳо, молия, таблиғот ва иттилоот, кор бо занону ҷавонон, шуъбаи умумӣ, шуъбаи омор, ҳайати эҷодии нашрияи ҳизбии “Ҳамрози халқ”, сармутахассисон ва мутахассисони шуъбаҳо иштирок доштанд.

Нахуст, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Саидзода Ҷамшед Ҳамро аз мудирони шуъбаҳо оид ба фаъолияти онҳо дар ҳафтаи гузашта пурсон шуд. Баъди ҳисоботи мудирони шуъбаҳо раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб ҷиҳати беҳтар иҷро гардидани дастуру супоришҳо дар фаъолияти минбаъдаи ҳизбиён ибрози андеша намуд.

Сипас, Саидзода Ҷамшед Ҳамро вобаста ба дастуру супоришҳои Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, тақвияти корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ, роҳандозии аксияҳои ҳизбӣ дар доираи “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҷалби фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ҷалби бештари фаъолони ҷомеа ба сафи ҲХДТ, баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди сиёсиву фарҳангӣ бахшида ба санаҳои муҳими таърихии 16 - уми ноябр Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24-уми ноябр Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни сокинон бо усули “Хона ба хона”, “Кӯча ба кӯча” ва “Маҳал ба маҳал” ибрози андеша намуд.

Ҳамчунин, дар идома Саидзода Ҷамшед Ҳамро, аз бандҳои протоколи назоратии ҳафтаи гузашта ёдовар шуда, таъкид кард, ки бандҳои протоколҳои ҳафтаинаро зери назорат қарор дода, сари вақт ба иҷро расонанд.

**“Ҳамрози халқ”**

# МОҲИЯТИ ТАҶЛИЛ НАМУДАНИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ МИЛЛӢ



**Таҷлил намудани Рӯзи Президент аз падидаҳои омӯзандаи ҷомеа ва мамолики мутамаддин маҳсуб меёбад, ки инчунин як санаи сиёсиро бо мақсади арҷ гузоштан ба моҳияти таърихиву сиёсии шакли идоракунии президентӣ ва хизматҳои арзандаи фарзонафарзандони кишвари соҳибистиқлоли хеш, бо шукӯҳу шаҳомати хоса истиқбол менамоянд.**

Аз таърихи таҷлили ин санаи барои халқу миллатҳои гуногуни олам таърихсоз, бармеояд, ки онҳо Рӯзи Президент-ро бо шаҳомати хоса ҷашн мегиранд. Аз ҷумла, дар ИМА бо мақсади дарки ҷомеа бобати мавқеъ ва нақши муҳими Президент дар рушди ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, шуруъ аз солҳои 1970 дар асоси тағйирот ба Қонун ҳамасола рӯзи душанбеи сеюми моҳи феврал Рӯзи Президенти Америко пазируфта шудааст. Ҳамчунин, дар зиёд давлатҳои соҳибистиқлоле, ки бо интихоби шакли идоракунии президентӣ ба пешрафту дастовардҳои дилхоҳ ноил гардидаанд, Рӯзи Президентро ба хотири фаъолияти созгори ин ниҳоди дар асоси арзишҳои демократӣ арзи ҳастӣ дошта ва нақшгузор дар ҳифзи муқаддасоти давлатдорӣ ва таъмини суботу рушду тараққиёти ҷомеа, таҷлил менамоянд.

Дар кишвари азизи мо бошад, аз соли 2016 инҷониб, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” аз ҷониби Парлумони мамлакат, санаи 16-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид, ки ин сана дар таърихи давлатдории мо ҷанбаҳои сиёсиву таърихии худро дорад. Чуноне, ки насли худшиноси солҳои 1992 ба хубӣ дар хотир доранд, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ба даст овардани соҳибистиқлолии давлатӣ, ба гирдоби ҳодисаҳои шаҳрвандӣ афтода буду халқу сарзамини муқаддаси моро хатари парокандагӣ таҳдид мекард. Дар ҳамон марҳилаи ниҳоят ҳассосу ногувори сиёсӣ, ки пешбурди идораи давлатдорӣ он сӯ истад, мардум аз фардои зинда мондани худ умеду боварӣ надоштанд, санаи 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид. Ба бахту саодати халқи тоҷик ва мардумони гуногунмиллати кишварамон, вакилони мардумӣ шахсияти арзанда - фарзанди фарзонаи миллатро, ки аз миёни мардумони одӣ ба арсаи сиёсат воридшуда буд, ба мансаби Раиси Шурои Олӣ интихоб намуданд. Сарвари тозаинтихоб аз нахустин лаҳзаи суханрониашон аз минбари Иҷлосияи таърихӣ бо Паёми сулҳофарӣ ба мардум муроҷиат намуда, ҷонибҳои даргирро ба мусолиҳа даъват намуданд. Таҳлили воқеъбинонаи вазъияти ногувори он замон, дарки оқибатҳои идома ёфтани фоҷеаи миллӣ ва ояндабиниҳои хирадмандонаи Сарвари ҷавонро ба андеша водор намуд, ки ба хотири пойдории давлату Истиқлоли кишвар, ҳифзи муқаддасоти миллати хеш ва дубора ба Ватан баргардонидани ҳамдиёронашон ҳама ҳастии худро фидо намояд. Дар воқеъ, он суханони ҷонбахши аз минбари Иҷлосияи тақдирсоз ироанамудаи Роҳбари давлати мо ҳар фарди худогоҳи Тоҷикистонро ба андеша водор менамуд, ки бо сабру таҳаммул ва гузашту бардошти ибратомӯз, дар бартараф намудани мушкилиҳои иҷтимоӣ иттиҳоду сарҷамъ буда, бахри ояндаи миллату давлати худ содиқона заҳмат намоянд.

Ҳамин сон, бо оғози фаъолияти ҳокимияти қонунӣ ва саъю талошҳои сулҳҷӯёнаи Роҳбари давлат вазъият дар минтақаҳои даргир ба эътидол дароварда шуд. Ин буд, ки бо такя ба мароми сулҳпарварӣ ва боварии бузург ба неруи бузурги халқи хеш, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ташкилу баргузории раъйпурсии умумихалқиро ба миён гузошт ва санаи 6-уми ноябри соли 1994 тоҷикистониён нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро қабул карданд. Ҳамчунин, дар ин раъйпурсӣ мардум Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро интихоб намуданд ва санаи 16- уми ноябри ҳамон сол Президенти интихобнамудаи халқ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон савганд ёд намуд.

Гузашти солҳои минбаъд, тамоми дастоварду комёбиҳои ҳокимияти давлатӣ шуруъ аз раванди сулҳи тоҷикон ва баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ ба зодгоҳи аҷдодиашон, то марҳилаҳои ободониву созандагиҳо, рушди муҳимтарин соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, барқарорсозии иқтисодиёти фалаҷгардида ва таҳкими сохторҳои мудофиаи кишвар ва дигар ниҳоду мақомоти давлатӣ аз фаъолияти пурсамару саъю талошҳои ватандӯстонаи Сарвари ҷавони Тоҷикистон маншаъ мегирифт, ки барои ояндаи миллату пойдории давлати соҳибистиқлоламон ҷони худро дареғ намедошт. Аз ин лиҳоз, бо ифтихору сарфарозӣ истиқбол гирифтани санаи фархундаи Рӯзи Президенти Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба хотири он аст, ки маҳз аз ҷониби мардум интихоб гардидани фарзанди фарзонаи халқи тоҷик ба ин мансаб, минбаъд ба фаъолияти идоракунии президентии давлати соҳибистиқлол руҳу неруи тоза ва ҳам шукӯҳу шаҳомати хоса бахшид.

Бо шарофати мухтарам Эмомалӣ Раҳмон шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ дар кишвари тозаистиқлоли мо ба як ниҳоди меҳварии сарҷамъсозии халқ ва роҳнамои он дар масири миллату давлатсозӣ гардид. Мурури солҳо дар партави сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, таҷрибаи давлатсозӣ ба унвони Мактаби давлатдории Пешвои муаззами миллат рушду ташаккул ёфт, ки дар он ҳазорон нафар кадрҳои лаёқатмандро дар арсаҳои роҳбарӣ тарбия намуда истодааст.

Бинобар ин, дар лаҳзаи шарҳу тавзеҳи моҳияти таҷлил намудани Рӯзи Президенти Тоҷикистон пеши назари мо симои шахсияти таърихсозу тақдирсози миллату давлати тоҷикон таҷассум меёбад, ки миллати моро ба ормонҳои ҳазорсолаи ниёгонамон расонидааст, ки соҳиби давлати соҳибистиқлол буданро аз насл ба насл орзу доштанд. Азму мароми устувораш дар масири бунёдгузории давлати тозаистиқлол буд, ки халқи худро аз гирдоби ҳодисаҳои шаҳрвандӣ ва бехонагиву беватанӣ наҷот бахшида, ба сарзамини дар ҳоли парокандагӣ сулҳу ваҳдат оварда, бо сарҷамъ намудани мардум Тоҷикистонро ба кишвари ободу зебо ва давлати рӯ ба рушд табдил дода истодааст. Меъмори ваҳдати миллӣ рукнҳои давлатдориро аз сифр оғоз намуда, низоми муосири идоракуниро дар тамоми самтҳои давлатдорӣ барқарор карда, мақому нуфузи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ боло бардошт. Маҳз талошу ҷонфидоиҳои бемисл ва ҷасорату шуҷоати ватандӯстонаи мухтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки суботу ҳамгироии миллӣ барқарор гашта, имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон дар фазои осоиштагӣ ва ваҳдату якдилӣ кору зиндагӣ дошта, бо нишони ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат дар рушду тараққиёт ва ободиву сарсабзии Ватани азизамон саҳми худро гузошта истодаанд.

Маврид ба ёдоварист, ки маҳз бо шарофати интихоби шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ, ки дар Конститутсияи кишварамон дарҷ гардидааст, Тоҷикистон ҳамчун давлат ҳифз гардида, Истиқлолияти давлатӣ пойдор ва мардуми ҳомии сулҳу ваҳдати хеш атрофи Пешвои муаззами миллат сарҷамъ гардида, бахри рушду нумуи Тоҷикистони азизамон саъю кӯшиш доранд. Ба ин хотир, бо таҷлил намудани Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон насли имрӯзу ояндаи меҳан нақши муассири Президенти маҳбуби кишварамонро дар бунёди давлати соҳибистиқлол ва рушду инкишофи ояндаи он дарк хоҳанд намуд. Яъне, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як санаи одӣ нест, балки ҷашни бузурги миллати тамаддунофарест, ки аз тантанаи волоияти қонун, рӯзи сипосгузорӣ ва аз эътимоду маҳбубияти хосаи худ ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтихор доранд.

**Саидзода Ҷамшед ҲАМРО,**
**раиси Кумитаи иҷроияи**
**ҲХДТ дар вилояти Хатлон**

# ҶАВОНЕ, КИ БА ТОҶИКИСТОН СУЛҲ ОВАРД



**Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ тоҷик хонаи ҳамватанашро оташ мезад, ҳамдигарро мекуштанд. Нолаю фиғони занону модарон то ба осмон мерасид, хун мегиристанд. Садҳо зану кӯдакон бе падару бе шавҳар монданд, ки дарди ҷонсӯзе буд.**

150 ҳазор шаҳрванд ҷони худро аз даст доданд. 50 ҳазор кӯдак ятим монданд. 10 миллиард сомонӣ ба хоҷагии халқи кишвар зарар расид, бо дард ёдоварӣ мекунад Адолат Раҳмонова, иштирокчии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ин бонуи сиёсатмадор мегӯяд, ки дар он солҳо вазъият дар 15 кишвари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ногувор буд, вале ба ғайр аз Тоҷикистон роҳбарони дигар давлатҳо бо ҳар роҳу восита тавонистанд, ки алангаи оташи ҷанги шаҳрвандиро дар кишварашон хомӯш намоянд. Он солҳо дар Тоҷикистон ҳизбу ҳаракатҳое пайдо шуда буданд, ки ҳар кадоме аз онҳо ҳадафҳои нопоки худашонро доштанд. Дар он давра танҳо дар кишвари мо ҲНИТ (Ҳизби мамнуъ дар Тоҷикистон) сабт шуда буд. Ҳадафи ягонаи он ҳизбу ҳаракатҳо аз байн бурдани сохти конститутсионӣ ва таъсиси давлати исломӣ буд.

Дар вазъияти бисёр муташаниҷ моҳи майи соли 1992 дар бинои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби силоҳбадастон муҳаррири нашрияи "Садои мардум" Муродуллои Шерализода ба қатл расонида шуд. Худи ҳамон шаб дар Фурудгоҳи шаҳри Душанбе Президенти ҳамонвақтаи кишвар Раҳмон Набиев, ки аз ҷониби халқ ба тариқи раъйипурсии умумихалқӣ қабул гардида буд ва мехост ба вилояти ҳамонвақта Ленинобод, ҳозира вилояти Суғд сафар намояд, маҷбуран боз дошта, аризаи истеъфоашро гирифтанд.

Ҳамин тариқ, давлат бе роҳбар монд. Гирдиҳамоиҳо, бесарусомониҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ шиддат мегирифт. Маҷбур шудем, ки ҳукумати муросои миллӣ ташкил кунем ва Акбаршо Искандаров раиси Шурои Олӣ интихоб гардид. Лекин ба ҷойи он, ки алангаи ҷангро хомӯш кунад, баръакс оташи ҷанг тамоми манотиқи собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ҳозира вилояти Хатлонро фаро гирифт. Мардум гуреза мешуданд, ҷанг оҳиста - оҳиста ба дигар минтақаҳо паҳн шудан гирифт.

Дар он лаҳзаҳо як гурӯҳ вакилон ба хулосае омаданд, ки бояд Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар як минтақаи амн гузаронанд. Аввал Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро интихоб карданд, лекин бо сабаби дурии роҳ розӣ нашуданд. Дар вилояти Хатлон ҷанг мерафт. Ба хулосае омаданд, ки Иҷлосия дар ноҳияи Хуҷанд, ки ҳоло ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аст, дар Қасри Арбоб гузаронида шавад.

15 ноябри соли 1992 ҳамаи депутатҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони Васоити ахбори омма, намояндагони кишварҳои Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон, олимону шахсиятҳои барҷастаи кишвар, ки баҳри таъмини сулҳ дар мамлакат бетараф набуданд, ҷамъ омаданд. Аз субҳ то шом дар толори Қасри Арбоб маҷлис доир гардид, ки онро маҷлиси миллӣ номиданд. Ин маҷлис бо баҳсу мунозираҳои зиёд миёни ҳукуматдорону намояндагони ҳизбу ҳаркатҳои гуногун ба анҷом расид. Вале ҳадаф як буд, рӯзи 16 ноябр Иҷлосия гузаронида шавад ва чӣ бояд кард, ки ҷанги хонумонсӯз дар кишвар хотима ёбад.

Ҳамин тавр рӯзи 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоб Иҷлосияи XVI ба кори худ оғоз кард ва аз 230 нафар, 197 нафар вакилон иштирок доштанд. Барои сохти конститутсиониро барқарор кардану алангаи ҷангро хомӯш кардан, шахси ғаюр, далеру нотарсе лозим буд, ки дар байни оташ ҳам дароянду нотарсона миёни ду сангар ҳам равад. Депутат аз ҳавзаи интихоботии Хонақоҳ 47-и водии Ҳисор, таклиф мекунад, ки ба рӯйхати пӯшидаи овоздиҳии пинҳонӣ барои интихоби раиси Шурои Олӣ номзадии Раҳмонов Эмомалӣ Шарипович шомил карда шавад.

Чанд депутати дигар низ дигаронро пешниҳод карданд. Дар натиҷаи овоздиҳӣ 186 нафар ба тарафдории Эмомалӣ Раҳмон овоз дода, дар ниҳоят ин абармарди сиёсат ҳамчун раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Солҳои 1990, 1991 ва 1992 Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои гуногун баромад карда, ҳамеша аз дарди мардум, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва пойдории сулҳу субот дар кишвар ҳарф мезаданд. Қобилияту боҷасорат ва фаъолияти самарабахшашонро дида, депутатҳо ба ҷонибдории ӯ овоз доданд, иброз дошт, Адолат Раҳмонова.

Ин бонуи сиёсатмадор мегӯяд, ки дар Иҷлосияи тақдирсоз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори дуюм нишаста буд, ва минбар баромад ва ҳамчун як сиёсатмадори солор баромад карда, гуфт, ки: «Рафиқони муҳтарам биёед мо бо якдигар дӯст шавем, тиффоқ шавем, то ки пеши роҳи ҷангро гирем. Ман ба Тоҷикистон сулҳ меорам. Ман ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳастам. То охирин гурезаро ба Ватан наорам, худамро ором ҳис намекунам. Ва лозим шавад ҷонамро барои миллатам фидо мекунам». Парчамро бӯса карданд ва ашк резонданд.

Бо садо додани ин суханҳо дар дили хурду бузурги миллати тоҷик як шуълаи умеди зиндагии орому осуда пайдо шуд. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он солҳо бисёр ҷавон буданд, ҳамагӣ 40 сол доштанд. Таҷрибаи корӣ дар вазоратҳо надоштанд, вале мардонавор ба майдон баромаданд ва тавонистанд, ки алангаи оташи ҷангро дар кишвар хомӯш намоянд ва ба Тоҷикистон сулҳ оваранд. Ваъдаҳои додаашонро содиқона дар назди халқу Ватан иҷро карданд.

Миллати тоҷик солҳои душворро бо сахтиҳои зиёд пушти сар карданд, дар он солҳо хусусан баъди Иҷлосияи тақдирсоз дар вилояти Суғд занҳо домани маро гирифта, гиря мекарданд, ки тақдири онҳо ва фарзандонашон чӣ мешавад. Норасоии маводи ғизоӣ дар кишвар ҳукумфармо



буд. Мардум аз гуруснагӣ мемурданд. Вале ман ба онҳо гуфтам, ки марде вориди майдон шуд, ки ояндаи кишварро равшан мекунад, ҳама бо ҳам дӯсту бародар, хешу табор мешавем ва беҳтарин лаҳзаҳои ҳаётро бо фарзандонамон мегузаронем.

Хушбахтона, чунин ҳам шуд. Имрӯз давлати мо бо роҳбарии абармарди сиёсат, хирадманду оқил муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳибистиқлол шуд, Ваҳдат ҳукумфармо гашт, миллат сарҷамъ гардид, сатҳи зиндагии мардум баланд шуд ва ба зиндагии шоиста расидем, бо ифтихор ироа кард, Адолат Раҳмонова, иштирокчии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН-ПЕШВОИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ ТОҶИКОН

**Халқи тоҷик пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ соҳиби муқаддасоти миллӣ - Конститутсия, Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Имрӯз ҳар як шаҳрванди кишвар ин рамзҳои муқаддасро чун гавҳараки чашм ҳифз мекунад ва гиромӣ медорад.**



Истиқлолияти давлатӣ, бахусус бо роҳбарии Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тараннумгари марҳилаи тозаи давлатдории миллӣ гардид. Ин шахсияти таърихӣ бо иродаи қавӣ, хиради сиёсӣ ва ҷаҳонбинии васеъ тавонист, Тоҷикистонро аз вартаи нобудӣ раҳо бахшад ва ба сӯи сулҳу субот раҳнамой намояд.

Маҳз бо пешниҳоди муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд, 2 декабри соли 1992 вилояти Хатлон таъсис ёфт. Ин иқдоми таърихӣ дар рафъи кинаю кудурат ва таҳкими ваҳдати байни мардум нақши калидӣ дошт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз баимзорасии ин Созишнома, дар яке аз суханрониҳои хеш чунин иброз дошта буданд: «Мусолиҳаи миллии мо дар таърихи навини миллати куҳанбунёдамон дастоварди бузург ва беназир аст. Аз ин рӯ, ҳар фарде, ки худро фарзанди Тоҷикистон медонад ва қадру манзалати Тоҷикистонро азиз мешуморад, бояд ба ин дастовард ҳамеша эҳтиром гузорад ва таҳкими ваҳдати миллиро рисолати шаҳрвандӣ дониста, ба халалдор гардидани он ҳаргиз роҳ надиҳад».

Дар он шабу рӯзе, ки чашми ҷаҳониён ба ин ҳаводиси сиёсӣ нигаронида шуда буд, қаҳрамони миллии Афғонистон марҳум Аҳмадшоҳи Масъуд ба мардуми Тоҷикистон бо чунин матлаб муроҷиат намуд: «Шумо, тоҷикон, Эмомалӣ Раҳмон доред. Тасаввур кунед, мо зиёда аз сӣ сол боз барои сулҳ дар Афғонистон мубориза мебарем. Ин абармарди миллат барои шумо дар як сол сулҳи бебозгашт овард. Акнун тасаввур кунед, ки шумо чӣ гуна Пешвое доред. Ин гуна Пешворо ҳама хайрхоҳони ҷаҳон орзу мекунанд. Эмомалӣ Раҳмон дили бузурги инсонӣ доранд, ки дар он ҳама меғунҷад. Ӯ охирин тоҷикро ба Ватан баргардонид. Магар ин тавоноиву қудратмандии инсон нест? Эмомалӣ Раҳмонро на танҳо шумо, балки тамоми тоҷикони дунё дӯст медоранд. Худо шоҳид аст, ин мард бо ин ақлу заковате, ки дорад, дунёро тасхир мегардонад!»

Ҳамагон хуб медонанд, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи сиёсат ва давлатдорӣ, бо ташаббус ва пешниҳодҳои созандаи худ на танҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ, балки дар минтақа ва миқёси байналмилалӣ маъруфият пайдо кардааст. Дар ин муддат обрӯю эътибори Пешвои миллат ҳамчун Арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ боз ҳам баланд гардид ва имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ӯро ҳамчун як чеҳраи намоёни арсаи сиёсат, сиёсатмадори тавоно, бунёдгузори сулҳу ваҳдати миллӣ хуб мешиносанд ва барои хидматҳои дар ин ҷода кардаашон арҷ мегузоранд.

Қобили зикр аст, ки пас аз сипарӣ шудани 16 соли соҳибистиқлолии кишвар, дар ҷумҳуриамон боз як падидаи дигаре ба вуқӯъ пайваст, ки он мояи ифтихору сарфарозии ҳар як сокини Тоҷикистон мебошад. Яъне, бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 14.05.2016, №1320 тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он дар ҷумҳуриамон 16-уми ноябр «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» эълон гардид. Инак, шаҳрвандони кишварамон даҳ сол аст, ки ин санаи бузурги таърихиро ҳамчун рӯзи ид ботантана ҷашн мегиранд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вуҷуди сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардиданашон, ҳамчунин ба фарҳангу арзишҳои миллии халқи тоҷик арҷгузорӣ менамоянд. Ҳамин аст, ки маҳз бо пешниҳоди ташаббусҳои созандаашон бобати баланд гардидани сатҳи донишу фарҳанги шаҳрвандони мамлакат озмунҳои фарҳангиву маърифатиро ба миён гузоштанд. Имрӯзҳо ҳазорон шаҳрвандони ҷумҳурӣ шоҳиди баргузории озмунҳои «Илм – фурӯғи маърифат», «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» мебошанд, ки ин падидаҳои фарҳангӣ дар миёни хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ҳамовозии гарме барангехтааст.

Хидматҳои дар арсаи сиёсӣ анҷомдода ва ташаббусу пешниҳодҳои судманди бамиёнгузоштаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро на танҳо мо мардуми Тоҷикистон, балки чеҳраҳои сиёсиву фарҳангии сатҳи ҷаҳонӣ низ эътироф ва қадрдонӣ намудаанд. Чунончи, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷин Пин дар як ҳамоиши бошукӯҳе чунин гуфта буд: "Ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба симати Пешвои воқеан ҳам, умумимиллӣ, ки дар таҳкими давлатдорӣ ва таъмини некуаҳволии шаҳрвандони кишвар саҳми ҳалкунанда дорад, эътироф кардааст».

Ҳамчунин, шоири эронитабори муқими Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Масъуди Сипанд дар аснои суханронии хеш ба мардуми Тоҷикистон чунин хитоб намуда буд: «Шумо мардуми хушбахтед, ки раисиҷумҳуре чун Эмомалӣ Раҳмон доред. Ӯ раисиҷумҳури ман ҳам ҳаст. Қадрашро бидонед. Амнияте, ки ин нобиға барои шумо фароҳам овардааст, дар ҳеҷ куҷои дунё нест, ҳатто дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дида намешавад. Ман бегоҳӣ ҷуръат намекунам дар кӯчаҳои Сан-Франсиско бигардам, аммо дар Душанбе озодона сайр мекунам ва касе ба ман коре надорад».

Ба ҳамин монанд Президенти вақти Ҷумҳурии Сенегал ҳам дар бораи Президенти мамлакати мо чунин ибрози назар кардааст: «Тоҷикон халқи хушбахтанд. Зеро Худои таъоло ба онҳо чунин марди оқил ва бомаҳоратро ҳамчун роҳбар ва пуштибон ато кардааст. Мо дар Сенегал Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро хуб мешиносем ва ба кӯшишҳои хастагинопазири ӯ ҷиҳати рушду нумуи Тоҷикистон ва тамоми минтақа арҷ мегузорем».

Ботантана ҷашн гирифтани Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он далолат мекунад, ки мардуми кишвар нисбат ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳру муҳаббати зиёд доранд, зеро ин фарзанди фарзонаи миллат бахри эҳёи давлатдории навини тоҷикон ва зиндагии шоистаи мардуми кишвар хизматҳои бузургеро анҷом додаast.

Аз ҳамин хотир, таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мояи ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар бошад. Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар яки шумо муборак, ҳамдиёрони азиз!

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои филологӣ**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ДАР ТОЗАГИИ МУҲИТИ ЗИСТ САҲМ МЕГУЗОРЕМ!

### ХОВАЛИНГ

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон таҳти унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ", Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг аксияҳои экологии умуминоҳиявиро роҳандозӣ намуд.

Ин чорабинӣ бахшида ба истиқболи сазовор аз ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ташкилоти ибтидоии "Шехмезон" бо иштироки фаъолонаи аъзову ҷонибдорони ҳизб баргузор гардида, зери унвонҳои "Тозагии маҳал", "Тозагии шоҳроҳ" ва "Тозагии соҳил" доир шуд.

Ҳадаф аз баргузории чунин иқдомҳо беҳсозии муҳити зист, тоза нигоҳ доштани манбаъҳои об, роҳҳо ва маҳалли зист аз ҳар гуна партовҳо, баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим мебошад.



Иштирокдорон гирду атрофи манзилҳо, роҳравҳо ва дарахтони мевадиҳандаро ба тартиб дароварда, муҳитро аз шоху навдаҳои хушк, партовҳо ва алафҳои бегона пок сохтанд. Ин иқдом ба тозагии муҳити атроф ва зебоии диёр саҳми арзанда гузошт.

# БО ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ИФТИХОР ДОРЕМ!

**Мушаххасан нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди давлатдории навин хеле назаррасу шоистаи дастгирист. Агар аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат ибрози назар кунем, бешак эҳсос мешавад, ки маҳз ҷаҳду талошҳои Пешвои миллат барои ба ҳам овардани ҳама аҳзоби сиёсӣ ва гурӯҳҳои мухолифи давлат нақши калидӣ гузошт.**

Аниқтараш барои эъмори давлатдории миллӣ Пешвои миллат аз худ гузаштанд ва сухани таърихии ин шахсияти бузург «Ман ба Шумо сулҳ меорам ё дар ин роҳ қурбон мешавам!» бояд як мактаби бузурги давлатдорию давлатсозӣ барои насли ҷавон бошад.

Имрӯзҳо метавон ироа дошт, ки мактаби сиёсии Пешвои миллат барои кулли насли ҷавон идеали зиндагӣ гардидааст ва дастгирии сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди давлатсозии навин аз ҷониби қишрҳои гуногуни ҷомеа башорати ин гуфтаҳост.

Ин ҷо месазад, ки дар якҷояӣ рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат, ҷоннисориҳои Пешвои миллат дар раванди барқарор гардидани сулҳи сартосарӣ дар кишвар, дар марҳилаи ҳассос оғози корҳои муҳиму сариваќтӣ барои пойдории давлати тозаистиқлол ва аз ҳама муҳим барқарорсозии инфрасохторӣ бар асари ҷанги таҳмилӣ харобгардидаро аз назари ақли солим баҳогузорӣ намоем. Маҳз матонату ҷасорат, аз худгузаштанҳои Пешвои миллат, ҳувияти баланди миллӣ ва андешаи мукаммалу дурбинонаи ин шахсияти бузурги таърихӣ миллатро ба ҳам овард ва Тоҷикистонро аз вартаи нобудшавию парокандагӣ эмин нигоҳ дошт.

Дар гӯшаи хаёли касе ҳам набуд, ки Тоҷикистони ба қисматҳо ҷудо гардида дар натиҷаи тадбирҳои мушаххаси давлатӣ аз нав сарҷамъ мешавад. Тасаввурнокарданист, ки кишвари мо дар замони гузашта бо ду минтақаи бузурги стратегӣ вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон анқариб шаш моҳ дар давраи сардӣ робитаи мустақим надошт. Зеро ягон инфрасохтори лозимӣ барои таъмини бемамонияти рафту омади инсонҳо дар давраи сардӣ фароҳам набуд. Бо ҷаҳду талошҳои Президенти маҳбуби кишвар ва тавассути ба истифода додани нақбҳо ва сохтмони роҳҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон имрӯз робитаи доимӣ ба ин минтақаҳои биҳиштосои кишвар таъмин аст ва аҳолӣ бо назардошти оромию осудагии Ватан шабу рӯз дар ин шоҳроҳҳои азим рафту омади доимӣ доранд. Ҳар шабонарӯз ҳазорҳо тонна молу маҳсулот ба воситаи ин роҳҳо вобаста ба талаботи аҳолӣ тавассути нақлиёти боркашонӣ ба аҳолӣ дастрас мегардад, ки самараи заҳмату меҳнати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати дурусти давлат ва Ҳукумати мамлакат аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки танҳо бунёди роҳи Кӯлоб-Хоруғ-Кулма дар замони собиқ Шуравӣ ба як амри амалинашаванда мубаддал гардида буд. Минтақаи Девдара, ки аз назари ҷуғрофӣ минтақаи хеле хатарноку аз назари иқтисодӣ дар масири бунёди роҳ хароҷоти зиёди маблағҳоро дар бар мегирифт, маҳз бо шарофати дидори мустақими Пешвои миллат, Президенти маҳбуби мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин мавзеъ ба заҳмату иқтидори бунёдкоронаи инсон тан дод. Имрӯз ин мавзеъ дар заминаи меҳнат ва фидокории мардуми кишвар ва дастури Роҳбари давлат тағйири ном кард. Аниқтар, Девдара айни ҳол ба Гулдара табдил ёфта, рафту омади васоити гуногуни нақлиётӣ дар тамоми сол таъмин аст.

Месазад, ки гомҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар масири давлатсозию ватансозӣ ва баланд бардоштани маърифати сиёсию миллии сокинон шоистаи таҳсину дастгирӣ маънидод кард. Мусаллам аст, ки ҳар як давлат бояд дар доираи афкори умумимиллӣ ва такя ба гузаштаи давлатдории худ сиёсати давлатиро маҳаки асосии давлатдорӣ қарор диҳад. Хушбахтона кишвари мо зери роҳбарии Президенти маҳбуби кишвар аз ухдаи ин рисолати бузурги таърихӣ баромад ва дар сатҳу сифати наву замонавӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилаи байнидавлатӣ, шинохти чеҳраи асили давлати Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ, қабули пешниҳод ва ташаббусҳои созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи баррасии мунсифонаи мушкилоти сатҳи ҷаҳонӣ дар долонҳои ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ гувоҳи он аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди давлатдории миллии мо саҳми халкунандаю боир дорад.

Ғояҳое, ки аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи ташкилотҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ пешниҳод мегарданд на танҳо манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки манфиатҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонро дар пай доранд ва ин исботи он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати рӯ ба инкишоф сиёсати одилонаю башардӯстонаро дар раванди давлатдорӣ меҳвари асосии фаъолият қарор дода, хостгори тантанаи адолат ва рушди баробари иқтисодию иҷтимоии тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонист.



Мусаллам аст, ки дар баробари ғоясозӣ ва мусоидат ба раванди таҳаввулоти арзишманд дар кишвар баъзе аз ҷавонони асолатбохтаву дур аз маърифату фарҳанги миллӣ даст ба корҳои муғризонаю хиёнаткорона зада, бо ин роҳ мехоҳанд дар мавҷудияти давлат ва миллати тоҷик зери ақидашӯии доираҳои манфиатдори хориҷӣ таъсири манфӣ расонанд. Ва ин аъмоли худро дар ниқоби дини ислом рангу оби динӣ дода, фарҳангу тамаддун ва гузаштаи худро инкор мекунанд, ки ақли солим ҳеҷ гоҳ ин ақидашӯиро қабул надорад. Ва, тавре дар урфият мегӯянд: «Офтобро бо доман пӯшонида намешавад!». Имрӯз хизматҳои созгори Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назди хурду бузург, пиру барно ва ҳар як шахси бедордили миллат маълум аст ва мардум дар маҷмуъ дуруст дарк кардаанд, ки танҳо ва танҳо дастгирӣ ва дар атрофи сиёсати давлат ва Ҳукумати мамлакат таҳти роҳбарии Президенти маҳбуби мамлакат сарҷамъ будан роҳи аслии ҳама дастоварду муваффақият дар ҳамин шабу рӯзи ҳассос ба ҳисоб меравад.

Бо қотеият метавон ёдрас шуд, ки Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кафили сулҳу дӯстӣ, ҳамгирой ва якдилии тамоми сокинон ва рушду пешрафти ҳама ҷанбаҳои хоҷагии халқи мамлакат аст. Ва дар ин раванд шиори «Президенти манифтихори ман!» бояд идеали ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ бошад.

**Толибҷон НАЗАРЗОДА, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Ш.Шоҳин**

---

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# “365 РӮЗИ ОБОДОНӢ, СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ” ДАР АМАЛ

### ЛЕВАКАНТ

Бо мақсади амалӣ намудани сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар доираи ташаббуси вилоятии ҳизб таҳти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ”, шанбегии дастаҷамъона дар шаҳри Левакант баргузор гардид.

Чорабинӣ бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант ва иштироки раиси Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб, аъзои фаъоли намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” аз ташкилотҳои ибтидоии “ЛКСК” ва “Сайёҳӣ” дар ҳудуди Неругоҳи барқи обии “Вахш” роҳандозӣ шуд.



Иштирокдорон гирду атроф ва муҳити зистро аз партовҳои маишӣ тоза карда, саҳми худро дар ҳифзи тозагии муҳити зист гузоштанд.

Ёдовар мешавем, ки иқдоми мазкур бо беҳтар намудани ҳолати санитариву гигиенӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва тарбияи ҳисси масъулиятшиносӣ миёни ҷавонон нигаронида шуда, минбаъд низ бо ҳисси баланди созандагӣ идома хоҳад ёфт.

# ТАШАББУСҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ-НЕРУИ ИЛҲОМБАХШ БАРОИ ҶАВОНОНИ КИШВАР

**Ҳамасола бо ташаббусу ҳидоятҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саросари кишвар озмунҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ баргузор мегарданд, ки яке аз онҳо озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» мебошад.**




Ин озмун бо мақсади баланд бардоштани маърифати китобхонӣ, рушди зеҳнӣ, афзун намудани фарҳанги мутолиа ва дарёфти чеҳраҳои наву ихтироъкор миёни ҷавонону наврасон роҳандозӣ гардидааст.

Яке аз иштирокчиёни фаъоли ин озмун, Дилшод Аминов, саромӯзгори кафедраи неругоҳҳои барқии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён аст, дар бахши «Ихтироъкорию навоварӣ» миёни олимону муҳаққиқон ширкат варзида, сазовори ҷойи дуюм гардид.

Дилшод Аминов ихтирооти ҷолиб ва амалӣ-генератори қуввадиҳанда офаридааст, ки имконият медиҳад дар обҳои кам ва ҷӯйборҳо низ қувваи барқ истеҳсол карда шавад. Ин дастгоҳ метавонад дар манотиқе, ки дастрасӣ ба неруи барқ маҳдуд аст, хеле муфид бошад. Ба гуфтаи муаллиф, ихтирооти мазкур аз ҷиҳати содагии сохт ва каммасрафии он барои истифодаи мардум низ мувофиқ мебошад. Дилшод Аминов изҳор дошт, ки муваффақияташ дар ин озмун натиҷаи дастгириву ғамхориҳои Пешвои миллат нисбат ба ҷавонон аст.

Имрӯзҳо мо, ҷавонон аз он ифтихор дорем, ки дар давлати соҳибистиқлол таҳти раҳнамоии оқилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиндагӣ ва фаъолият дорем. Ҳар иқдоми созанда ва ҳар як ташаббуси Роҳбари давлат моро ба сӯи дониш, илм ва эҷодкорӣ раҳнамоӣ мекунад.

Қаҳрамони матлаби мо бо самимият изҳор дошт, ки маҳз тавассути чунин озмунҳо ҷавонон ҳавасманд мешаванд, то дар соҳаи ихтироъкорӣ, навоварӣ ва таҳқиқи илмӣ бештар фаъол бошанд.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ то имрӯз даҳҳо ташаббус, барномаҳои давлатӣ барои рушди соҳаи ҷавонон равона гардидааст.

Аз ҷумла, қабул шудани «Стратегияи миллии рушди ҷавонон барои солҳои 2023-2037», таъсиси Марказҳои ҷавонон, Фонди президентӣ барои ҷавонони боистеъдод, Барномаи рушди ихтироъкорӣ ва инноватсия, ҳамчунин озмунҳои ҷумҳуриявии "Ихтироъкорони наврас", "Донишмандон", "Ҷавонон - пайрави Пешвои миллат" гувоҳи равшани таваҷҷуҳи хосаи Роҳбари давлат ба ин неруи созандаи ҷомеа мебошад.

Ҳамчунин, бо ташаббуси Пешвои миллат, дар саросари кишвар ҳар сол даҳҳо муассисаҳои таълимӣ, марказҳои инноватсионӣ ва лабораторияҳои муосири фаннӣ ба истифода дода мешаванд. Ин иқдомҳо барои баланд бардоштани сатҳи илмомӯзӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб заминаи мусоид фароҳам меоранд.

## ҶАВОНОН-ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дилшод Аминов бо ифтихор мегӯяд, ки иштироки ӯ дар озмун на танҳо як дастоварди шахсӣ, балки намунаи руҳбаландии ҷавонон дар роҳи илм аст. Ҳар ҷавоне, ки имрӯз бо илмомӯзӣ, тадқиқот ва навоварӣ машғул аст, бояд дарк кунад, ки ин ҳама шароитҳо бо талошу заҳмати Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳайё гардидааст. Мо, ҷавононро зарур аст, ки ба ин ғамхориҳо посухи арзанда диҳем, бо дониш, заҳмат ва хизмат ба Ватан.

Ӯ нақша дорад, ки дар оянда бо шогирдони худ дар самти ихтироъкорӣ фаъолона кор намуда, лоиҳаҳои навро ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ пешниҳод намояд. Имрӯз Тоҷикистон дар заминаи илму техника ва энергияи сабз қадамҳои устувор мегузорад. Тибқи дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат лоиҳаҳои бузурги миллии энергетикӣ ба мисли Неругоҳи барқи обии "Роғун", таҷдиди НБО -и "Норак", паҳн намудани шабакаи барқ ба минтақаҳои дурдаст, инчунин барномаҳои "Шаҳри сабз" ва "Энергияи тоза" амал мекунанд. Ҳамаи ин иқдомҳо барои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти энергетикии кишвар равона гардидаанд.

Ихтирооти Дилшод Аминов низ дар ҳамин равия қарор дошта, идомаи сиёсати инноватсионии давлат маҳсуб меёбад. Ӯ мегӯяд, ки мехоҳад ихтироъкориашро такмил дода, дар истеҳсолоти маҳаллӣ истифода барад. Маҳз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сабаб шудааст, ки имрӯз ҷавонони тоҷик бо илму дониш, навоварӣ ва созандагӣ маъруф гардидаанд. Ҳар як дастоварди онҳо гӯшае аз сиёсати ҷавонпарваронаи роҳбарияти олии кишварро инъикос мекунад.

Ҳамин тавр, мисли Дилшод Аминов садҳо ҷавони тоҷик имрӯз дар тамоми гӯшаҳои мамлакат ба корҳои илмӣ, ихтироъкорӣ ва омӯзиши фанҳои дақиқ машғуланд. Ин насли нав пайравони ҳақиқии Пешвои миллат буда, бо дониш ва неруи эҷодии худ ба таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлол мусоидат мекунанд.

Бо ифтихор метавон гуфт, ки ҳар як ҷавони кишвар зери парчами сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат баҳри ободию гулгулшукуфоии ин сарзамин ба сӯи фардои дурахшони гомҳои устувор мегузоранд.

Имрӯз насли ҷавон беҳтарин сармояи давлат буда, ормонҳои миллиро идома медиҳанд. Пешвои миллат бо сухан ва амал ҳамеша нишон медиҳанд, ки ҷавонон пояи асосии давлат ва ояндаи дурахшони Ватан мебошанд.

Бо дастгириҳои пайвастаи Роҳбари давлат ҷавонони кишвар имрӯз на танҳо дар дохил, балки дар арсаи байналмилалӣ низ бо дастовардҳои худ ифтихори Тоҷикистон гаштаанд. Мо, ҷавонон ва аҳли илму маърифат вазифадорем, ки бо меҳнати софдилона ба ин ғамхориҳои Роҳбари давлат посухи арзанда диҳем ва Ватани азизамонро боз ҳам шукуфонтар намоем, гуфт Дилшод Аминов дар фарҷоми суҳбат.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**"Ҳамрози халқ"**

# ЛИБОСИ МИЛЛӢ-ИФТИХОР АЗ ҲУВИЯТ ВА ФАРҲАНГ



**А.ҶОМӢ**

Пӯшидани либоси миллӣ яке аз зеботарин намунаҳои арҷгузорӣ ба таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллӣ мебошад. Ҷомеае, ки ба арзишҳои фарҳангии худ эҳтиром мегузорад, ҳамеша рӯ ба рушду тараққӣ дорад. Аксияи умумимиллӣ таҳти унвони "Тоҷикона мепӯшем", ки дар саросари кишвар ҷараён дорад, на танҳо таблиғи либоси миллӣ, балки бедорсозии ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, махсусан миёни ҷавонон мебошад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон матоъҳои миллии тоҷикӣ - атлас ва чакан - ба рӯйхати расмии Созмони Милали Муттаҳид шомил гардида, ҳамчун намунаи матои миллии зебо ва қадрдонидашуда эътироф шудаанд.

Либоси миллӣ таҷассумгари тамаддун ва асолати тоҷикон аст. Ин ҷузъи муҳими фарҳангӣ бо нақшу нигори зебо, гулдӯзиҳои нозук ва матоъҳои миллӣ - атлас, адрас, чакан ва зардӯзӣ дар худ таърихи ҳазорсолаи миллат ва ҳунари нодири бонувони тоҷикро инъикос мекунад. Он на танҳо василаи пӯшиш, балки рамзи зебоӣ, одобу ахлоқ ва шеваи зисти мардумии мост.

# ТУҲФАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА НОҲИЯИ ВОСЕЪ

**ВОСЕЪ**



Бо ташаббуси Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туҳфаи арзишманди фарҳангӣ китоби безаволи "Шоҳнома"-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба ноҳияи Восеъ дастрас гардид.

Ин иқдоми Пешвои миллат, ки дар заминаи эҳёи ҳувияти миллӣ ва арҷгузорӣ ба мероси адабии халқи тоҷик амалӣ гардид, бо истиқболи гарми сокинони ноҳия рӯбарӯ шуд. Онҳо ин туҳфаро на танҳо рамзи таваҷҷуҳи хосса ба фарҳанг ва адабиёти миллӣ, балки василаи бедории эҳсоси ифтихори миллӣ ва худшиносӣ арзёбӣ намуданд.

"Шоҳнома" яке аз муҳимтарин ёдгориҳои адабиёти ҷаҳон буда, дар он саргузашту корномаҳои қаҳрамонони ориёинажод инъикос ёфтаанд. Ин асари безавол бо забониноби форсӣ навишта шуда, дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун китоби муқаддаси миллӣ шинохта мешавад. Мақоми баланду таъсири тарбиявии он дар таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, мардонагӣ ва ҳувияти миллӣ беназир аст.

Тақдими "Шоҳнома" ба сокинони ноҳияи Восеъ як иқдоми басо муҳим ва далели равшани пуштибонии роҳбарияти олии мамлакат аз забон, таърих ва арзишҳои милливу фарҳангии миллат мебошад.

# РОҲҲОИ ДЕҲАИ ОФТОБРӮ ПУРРА МУМФАРШ ГАРДИД



**ДӮСТӢ**

Сохтмон ва ободонии роҳҳо яке аз суннатҳои неки ниёгони тоҷик аст, ки онҳоро пайвандгари қалбҳо меҳисобиданд. Дар ноҳияи Дӯстӣ бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар деҳот дар доираи ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" корҳои сангфаршкунӣ ва мумфаршкунии роҳҳои маҳал ва деҳаҳо бо иштироки фаъолона ба анҷом расидаанд.

Сокинони ноҳия бо арҷгузорӣ ба дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тамоми ҳастӣ дар ободонии Ватан саҳми арзанда мегузоранд.

Тибқи иттилоъ, соли ҷорӣ дар ноҳияи Дӯстӣ бо саҳми сокинон, аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва шахсони ватандӯсту саховатпеша зиёда аз 60 километр роҳҳои маҳаллӣ сангфарш ва беш аз 10 километр роҳҳо пурра мумфарш карда шуданд.

Сокинони деҳаи Офтобрӯи Ҷамоати деҳоти Ҷиликӯл бо хушнудӣ дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пазируфта, маблағҳои маъракаҳои азодории чил ва солро дар корҳои ободонии деҳа сарф мекунанд.

Бо роҳбарии раиси Кумитаи маҳалла ва раиси ташкилоти ибтидоии деҳаи "Офтобрӯ" Маҳмадхоҷаев Солеҳ қисми зиёди роҳи асосии деҳа пурра мумфарш карда шуд.

# ТОЗАГӢ ГАРАВИ САЛОМАТӢ

**ҲАМАДОНӢ**



Бо ҳадафи татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни мулоқот бо кормандони ҳифзи муҳити зист 17 сентябри соли 2025 ироа гардиданд, дар ноҳияи Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ иқдомҳои муҳими экологӣ амалӣ шуда истодаанд.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо мақсади беҳтар намудани муҳити зист, тоза нигоҳ доштани манбаъҳои об, шоҳроҳҳо ва маҳалли зист аз партовҳо ва баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии сокинон, аксияҳои умуминоҳиявиро таҳти унвонҳои "Тозагии маҳал", "Тозагии шоҳроҳ" ва "Тозагии соҳил" роҳандозӣ намуд.

Дар ин аксияҳо омӯзгорону хонандагони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и Ҷамоати деҳоти Заркӯҳ, кормандони бахши ҷавонон ва варзиши ноҳия, кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия ва фаъолони ҷомеа иштирок карда, гирду атрофи биноҳои маъмурӣ, роҳу роҳравҳо ва иншоотҳои хизматрасонии маиширо аз партовҳо тоза намуданд. Ҳамзамон шохаҳои хушкшудаи дарахтон, гулу буттаҳо тоза ва муҳити зист озода гардид.

Чунин ташаббусҳо ба баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва фарҳанги экологӣ миёни шаҳрвандон мусоидат намуда, муҳити солимро барои зиндагии арзанда фароҳам месозанд.


**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор**, Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**




Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.